**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректори МДТ Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, профессор**
**Низомӣ М. З. ____________**
**«30» ____03____ соли 2021**

# ТАҚРИЗ

Муассисаи пешбар - кафедраи бойгонишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ба рисолаи номзадии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар мавзӯи **«Таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - таърихи ватанӣ. - Душанбе, 2021.- 225 саҳ.

Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар мавзӯи **«Таърихи муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)»** бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода” ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, дар ҷаласаи васеи кафедраи бойгонишиносӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур кормандони кафедра, аз ҷумла мудири кафедраи бойгонишиносӣ, номзади илмҳои таърих М. Мамадазимова, доктори илмҳои таърих, профессор Акрамӣ З., номзади илмҳои филология, дотсенти кафедра А. Афғонов, номзади илмҳои

таърих, дотсент С. Шарофуддинов, номзади илмҳои таърих Ф. Тоҷев ва дигар омӯзгорони қаблан бо матни диссертатсия шиносгардида иштирок ва суханронӣ намуданд.

Аз муҳокимаи устодон маълум гардид, ки рисола бо истифода аз манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқону донишмандони соҳаи фарҳанг дар сатҳи зарурӣ таълиф гардидааст ва яке аз муҳимтарин давраҳои фарҳангии давлати соҳибистиқлоли тоҷиконро фаро гирифта, саҳифаи тозаеро дар илми тоҷик боз намудааст.

Ба андешаи мо, дар чунин шакл таҳқиқ намудани масоил барои ояндабинии ин соҳа дар даврони соҳибистиклолии Тоҷикистон хеле зарур аст. Муаллиф тамоми маводи ҷамъовардаи хешро ҳаматарафа омӯхта, мавриди таҳлил қарор додааст.

Зеро фарҳанг ҳамчун соҳаи сарнавиштсоз ва такягоҳи боэътимоди маънавии ҷомеа, дар низоми сиёсати иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои муҳимму афзалиятнок эълон гардида, баҳри таъмини рушди устувори он аз рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ пайваста таваҷҷуҳ ва ғамхории хосса зоҳир мегардид.

Дар қисматҳои алоҳидаи мавзӯи мазкур навиштаҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ баррасӣ ва таъкид шудааст. Аҳамияти дигари рисола дар он зоҳир мегардад, ки диссертант осори дар тӯли соҳибистиқлолии кишвар ба мавзӯи фарҳанги тоҷик бахшидашударо баррасӣ карда, онро ба се гурӯҳ тақсим кардааст: гурӯҳи аввал адабиёти нашрӣ дар солҳои 1949-1968; гурӯҳи дуюм адабиёти илмие, ки бевосита ба инъикоси таърихи сохтмони мадании Тоҷикистон ва ташкилотҳои таърихи муассисаҳои фарҳангӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ҳунармандони Хатлонзамин ихтисос дорад; гурухи сеюм таҳқиқот ва рисолаҳои навишташуда оид ба таърихи ташаккул ва рушди муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ аз маводи бойгонии Вазорати фарҳанг ва Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Бойгонии ҷории Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, Қонун ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фарҳанг, маълумоти асосноки махсуси ҳуҷҷатӣ оид ба таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ, мақола ва асарҳои илмие, ки бевосита ба фаъолияти муассаҳои маданӣ-равшаннамоии вилояти Хатлон марбутанд, ба таври муфассал истифода намудааст.

Дар рисола таъкид гардидааст, ки бо таъсисёбии Тоҷикистони соҳибистиқлол, сарфи назар аз мушкилиҳои давраи гузариш, дар ҷумҳурӣ консепсияи давлатӣ оид ба рушди фарҳанг таҳия шудааст. Хусусан, дар суханрониҳои ҳарсолаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар назди зиёиёни мамлакат назария ва амалияи фарҳанг ба тариқи мушаххас муайян мегарданд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши илмии масъала, мақсад ва ҳадафи омӯзиш, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологияи омӯзиш, миқёси ҳудудии таҳқиқот, навгониҳои илмии рисола, асосҳои назариявии таҳқиқот, муҳимияти мавзӯъ ва асосҳои методологии таҳқиқот таҳлил ёфтааст.

Дар муқаддимаи рисола мубрамияти мавзӯъ хуб баён шуда, таърихнигории мавзӯъ таҳлили таҳқиқоти муҳаққиқони мухталифро дар бар мегирад. Муаллиф дар рисола тавонистааст, ки асарҳои муҳаққиқони соҳаи фарҳанг ва таърихро давра ба давра аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил намояд. Дар натиҷаи чунин таҳлилҳо муаллиф ақидаи шахсии хешро низ пешниҳод кардааст.

Муаллиф дар давоми таҳқиқот мақсад гузоштааст, ки таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро омӯхта, фаъолияти онҳоро дар солҳои истиқлолияти давлатӣ муайян намояд.

Ҳадафи омӯзиш ба ҳалли вазифаҳои зерин равона гардидааст:

- таҳқиқи таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар Тоҷикистони шӯравӣ;

- таҳлил намудани хусусият ва нақши муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи мазкур дар рушди ҷомеа;

- муайян намудани хусусиятҳои фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи таҳқиқотӣ;

- нишон додани вазъи муассисаҳои клубӣ, театрҳои халқӣ ва фаъолияти китобдорӣ ва осорхонаҳои минтақаи мазкур дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ;

- саҳми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқароркунӣ ва инкишофи муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии минтақаи Кӯлоб;

- таҳлил намудани дастовардҳо ва масъалаҳои ҳалталаб дар ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолият;

**Объекти таҳқиқоти мазкур** фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб (1991 - 2016) ва мавқеъи онҳо дар рушду нумӯи фарҳанги даврони соҳисистиқлолии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбанд.

**Предмети таҳқиқотӣ** муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб, вазъи ин муассисаҳо, мушкилӣ ва масъалаҳои ҳалталаби онҳо дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мебошад.

**Чаҳорчӯбаи хронологии омӯзиш** солҳои 1991 – 2016-ро, ки давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва ба даст овардани Ваҳдати миллӣ, инчунин барқарор намудани оқибатҳои ҷанг ва эъмори ҷомеаи демократии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, дар бар гирифтааст.

**Навгониҳои илмии рисола** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал ба таври монографӣ фаъолияти муассисаҳои маданӣ равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, ба муайян намудани аҳамият ва нақши ин муассисаҳо дар ташаккули маънавиёти мардуми минтақа кӯшиш ба харҷ додааст.

Дар баробари ин, дар асоси манбаъ, сарчашмаҳо ва ҳуҷҷатҳои фаровони таърихӣ фаъолияти ин муассисаҳо ба таври илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошта мутобиқ карда шудаанд. Муаллиф , пеш аз ҳама ба принсипҳои таърихӣ, муносибати объективонаи таҳқиқот такя намуда, раванди омӯзиши таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро бо далелҳо воқеъбинона мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаҳо вобаста ба вазифа ва хусусияти кори таҳқиқотӣ методҳои гуногун: омӯзиши далелҳо ва маводҳои бойгонӣ, таҳлили таърихӣ – қиёсӣ, таърихӣ – типологӣ, таърихӣ – системавӣ, муқоисавӣ – таърихӣ ва масъалагузорӣ - таҳлилӣ истифода гардиданд.

Дар боби якуми рисола **"Вазъи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар солҳои аввали даврони истиқлолият"** ҳаёти фарҳангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба таври амиқ таҳлил шудааст. Муаллифи рисола кӯшиш намудааст, ки таърихи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро дар шакли муқоисавӣ объективона баён намояд.

Дар зербоби якуми боби аввали рисола, ки **"Аз таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар замони Ҳукумати Шӯравӣ"** ном дорад, масъалаҳои таъсисёбӣ ва муваффақиятҳои ин муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон, аз ҷумла нахустин китобхонаҳо, клубҳо, чойхонаҳои сурх, дастаҳои ҳунарӣ, боғи маданият ва истироҳат дар даврони Шӯравиро мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, иттилооти дар рисола овардашуда оид ба нақши муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ ва сафари ҳайати бригадаи фронтии ҳунармандони тоҷик дар ғалаба бар фашизм дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ бисёр муфид мебошад.

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола - **“Вазъи китобхонаҳо, осорхонаҳо ва театрҳои минтақа дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** фаъолияти китобхонаҳо, осорхонаҳо ва театрҳои минтақа дар даврахои ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ таҳлил шудааст. Дар ин давра, дар натиҷаи душвориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қатъ гардидани фаъолияти ин муассисаҳо ва вайроншавии биноҳои онҳо низ шарҳ дода шудааст. Инчунин, баъд аз ба имзо расидани истиқрори сулҳ 27 июни соли 1997, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” (13 декабр соли 1997), қабул шудани барномаҳои давлатӣ барои аз нав барқароркунии ин муассисаҳо ва рушди фарҳанг, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, рушди соҳаи китобдорӣ, фаъолияти осорхонаҳо ва театрҳо дар ҷумҳурӣ аз нуқтаи назари илмӣ баён гардидаанд.

Дар зербоби сеюми боби якуми рисола, ки **«Саҳми Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақа»** унвон дорад, масъалаҳои Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» (аз 13 декабри соли 1997), Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, (аз 30 декабри соли 2005), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ” (аз 1 августии соли 2003), Қарори Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон «Оиди тасдиқи Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои давлатии оммавии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013», тахти №384, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» (2 декабри соли 2002), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ» дар маркази ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон (октябри соли 2003) ва ғ. бо маблағгузории давлатӣ муайян ва таҳлил ёфтааст.

Дар ин зербоб, саҳми ҳунармандони соҳаҳои гуногун, санъаткорони минтақа, инчунин, шахсоне, ки нақши онҳо дар рушди маориф ва фарҳанг назаррасанд, бо мисолҳои равшан ифода ёфтааст.

Боби дуюми рисола **“Рушди минбаъдаи муассисаҳои маданӣ-равшаннамоӣ дар минтақа”** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст. Дар ин боб, саҳми мақомотҳо дар ташкилёбӣ ва рушди муассисаҳои фарҳангӣ, иштироки муассисаҳо дар озмунҳо ва тайёр намудани мутахассисон дар ин муассисаҳо инъикоси худро ёфтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюми рисола **«Ҷалб намудани ҳунарҳои бадеии эҷодиёти халқ дар рушди муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақа»,** саҳми мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои барқарорсозӣ ва рушди муассисаҳои маданӣ-равшанамоии вилоят ҳаматарафа таҳлил гардидааст. Муаллиф оид ба таърихи ҳунарҳои мардумӣ, таърихи шаҳри Кӯлоб ва нақши шарқшиносон дар шинохти мавқеъҳои таърихӣ, аз ҷумла Тахти Сангин, Тахти Қубод, Саксанохур, Сайёд, Мунк ва ғ. маълумоти фаровон овардааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми рисола - **«Рушди осорхонаҳо ва фароҳамсозии ҳифзи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ»,** муҳаққиқ самтҳои асосии фаъолияти осорхонаҳо, омӯзиши таърихи ташкилёбӣ ва рушди онҳоро, ки яке аз масъалаҳои ҳалталаби таърихнигории муосири тоҷик аст, таҳлил намудааст. Дар рисола дар соли рушди сайёҳӣ дар ин осорхонаҳо ва марказҳои таърихӣ-фарҳангии вилояти Хатлон дидан кардани сайёҳон, зикр гардидааст. Дар зербоби мазкур таъсиси осорхонаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлолияти давлатӣ инъикос ёфтааст. Дар таҳқиқоти хеш муҳаққиқ мусоҳибаҳои собиқ кормандони муассисаҳои фарҳангиро ба таври хуб мавриди истифода қарор додааст. Дар ин зербоб муҳаққик ба таърих, нигораҳо ва фаъолияти осорхонаҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, муассисаҳои таърихӣ-фарҳангиро ба якчанд навъ тақсим

намудааст, аз ҷумла: ёдгориҳои таърихӣ, ёдгориҳои бостонӣ, ёдгориҳои меъморӣ ва ёдгориҳои монументалӣ.

Дар зербоби сеюми боби дуюми рисола - **“Иштироки муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии минтақа дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумхуриявӣ ва байналхалқӣ”**, муҳаққиқ қайд мекунад, ки дар аввали солҳои соҳибистиқлолии кишвар фаъолияти муассисаҳои маданӣ-равшаннамоии ҷумҳурӣ, инчунин минтақаҳои вилояти Хатлон давраҳои мушкилро аз сар гузаронида, ба паст будани шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигоҳ накарда, рӯ ба тараққӣ овардаанд. Муаллиф бо таҳлилҳои илмӣ ному насаби як қатор ҷонфидоиҳои соҳаи фарҳанги ҷумҳуриро зикр кардааст. Дар вилояти Хатлон дар баргузории озмуни ҷумҳуриявии «Андалеб» ҳунармандони мардумии зиёда аз 62 шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳои ҷумҳурӣ саҳмгузор буданд ва 13-дастаҳои ҳунарии ғолиб барои нишон додани ҳунари хеш ба пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе сафар кардаанд. Озмунҳои ҷумҳуриявии «Парасту», «Чароғи ҳидоят», фестивал-озмуни умумиҷумҳуриявӣ «Театр - такягоҳи сулҳ», «Иди китоб», Симпозиуми байналмилалии «Таронаи чакан» ва ғайра, ки дар онҳо шаҳрвандони вилояти Хатлон фаъолона иштирок намудаанд, инчунин баргузории чашнвораҳо, барномаҳои пурмуҳтавои фарҳангию чорабиниҳои таърихӣ ва фестивал-озмунҳои ҷумхуриявию байналмилалӣ, ки яке аз рукнҳои сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон буданд, зери таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.

Чун асри XXI - асри технологияи иттилоотӣ мебошад, муҳаққиқ нақши технологияи иттилоотиро дар рушди соҳаи фарҳанг таъкид намуда, истифодаи шабакаи глобалии интернет ва иттилооти электрониро дар муассисаҳои фарҳангӣ, бо истифода аз иттилооти рақамӣ таҳлил намудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои умумии омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, муаллиф барои такмили минбаъдаи рушди муассисаҳои фархангии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон тавсияҳои судманд додааст.

Диссертатсияи Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич таҳқиқоти баанҷомрасида, комил ва дар сатҳи муайяни илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба мақсаду вазифаҳои дар пеш гузоштаи хеш ноил гардидааст..

Дар баробари муваффақиятҳо дар рисолаи мазкур камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд:

1. Феҳристи ихтисораҳо, ки дар аввали кор оварда шудааст, ки ба назари мо бояд дар охири кор, баъд аз хулоса ҷой дода шавад.

2. Ба назари мо, зербоби аввали боби якуми рисола зери унвони «Аз таърихи ташаккулёбии муассисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоб дар замони Ҳукумати Шӯравӣ» ба хронологияи мавзуъ (с. 1991-2016) мувофиқат намекунад.

3. Адабиёту сарчашмаҳо дар повараққо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда аз рӯйи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб ва ҷо ба ҷо карда шавад.

4. Рисолаи мазкур аз 225 саҳифа иборат аст, барои рисолаи номзадӣ хеле зиёд аст, аз ин рӯ, шумораи саҳифаҳои рисола ихтисор карда шавад.

5. Дар рисола хатоиҳои имлоӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикргардида аҳамияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд ва он кори ба анҷомрасида буда, мувофиқи талабот, меъёрҳо ва муқаррароти таъиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, таҳия гардида аст. Рисолаи номзадии Шарифов Шуҳратҷон Ҷумъаевич дар мавзуи **«Таърихи муассисаҳои маданӣ - равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2016)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз руйи

ихтисоси **07.00.02. – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)** арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи бойгонишиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода" санаи 3-юми марти соли 2021 муҳокима гардид.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 13 нафар.
Натиҷаи овоздиҳӣ:
«ҷонибдор»– 13 нафар;
«муқобил» – нест; «бетараф» – нест.
Суратҷаласаи № _15_ аз _23_ марти соли 2021.

**Раисикунанда, мудири кафедраи бойгоншиносии факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ "ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода", н.и.т.** **Мамадазимова М.М.**

**Ташхисгар, н.и.т., дотсент** **Шарофуддинов С.С.**

**Котиби ҷаласа, н.и.т.** **Тоҷев Ф.Н.**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам:**
**сардори Шуъбаи кадрҳои МДТ "ДДФСТ ба номи М.Турсунзода"** **Ҳомидова З.**

**Маълумот барои тамос:**
**МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода"**
**734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73а,**
**Почтаи электронӣ: Email: tajartins@yandex,**
**www.ddst.tj Тел: (992) 231-45-45.**